# ХУЛОСАИ НИҲОИИ

Шурои диссертатсионии 6D. КОА-036 назди
Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)

Парвандаи аттестатсионии №____

Қарори шурои диссертатионӣ аз 17.09.2022, №14

Дар бораи сазовор донистани Сафарзода Рухангези Акбар, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)-доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).

Диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар дар мавзуи «**Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума**» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, шаҳри Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев 17/6; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми марти соли 2022, таҳти №90/шд) аз 30 майи соли 2022, суратмаҷлиси № 5 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Сафарзода Руханези Акбар 27-уми январи соли 1992 дар ноҳияи Турсунзода Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст. Соли 2010 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии рақами 13-и ҳамин ноҳияро хатм намудааст.

Сафарзода Рухангези Акбар соли 2010 ба Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дар зинаи бакалавриат дохил шуда, онро соли 2014 бо ихтисоси омӯзгори забони англисӣ хатм намудааст.

Соли 2014 ба шуъбаи магистратура дохил шуда, онро соли 2016 бо ихтисоси омӯзгори забони англисӣ, бо дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2016 ба шуъбаи аспирантура ва докторантураи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, дар бахши забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ аз рӯйи ихтисоси 6D021300 дохил шуда, онро соли 2019 хатм намудааст. Дар баробари фаъолияти илмӣ Сафарзода Рухангези Акбар аз соли 2014 то соли 2015 ба ҳайси коргузори деканати факултети забонҳои романию германии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва аз соли 2015 то соли 2019 ба вазифаи омӯзгори кафедраи филологияи англиси факултети забонҳои

романию германии ҳамин донишкада кору фаъолият кардааст. Инчунин аз соли 2019 то инҷониб ба ҳайси омӯзгори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода кору фаъолият карда истодааст.

Диссертатсия дар кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода Турсунов Фаёзҷон Мелибоевич.

**Муқарризонӣ расмӣ** – Парвонахон Ҷамшедов, доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забонҳои хориҷии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Назарова Муҳаббат Раҳмонқуловна, номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода.

**Муассисаи пешбар** – муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав» дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби мудири кафедраи назария ва типологияи забони англисии МДТ «Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», номзади илмҳои филологӣ, дотсент, Олматова Шарофат Сафаралиевна имзо ва аз ҷониби ректори ин муассиса, доктори илмҳои биологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Давлатзода Сайфиддин Хайриддин тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсияи Сафарзода Рухангези Акбар таҳти унвони «Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума» кори илмии анҷомёфта буда, ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, чавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз руйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегарданд, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок

менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳои зиёде таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот дорад.

Вобаста ба мавзуи диссертатсия довталаби дараҷаи илмӣ 13 мақола ба нашр расонидааст, ки аз ин микдор 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муалифро собит менамоянд.

**Муҳимтарин интишороти муаллиф аз рӯйи мавзуи диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.**

**[1 – М]. Сафарзода, Р.А.** Оид ба баъзе хусусияти калимаҳои мураккаби забони англисӣ ва роҳҳои ифодаи онҳо дар забони тоҷикӣ [Матн] / Р.А. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №2. –С.59-63.ISSN2413-516X.

**[2 – М]. Сафарзода, Р.А.** Хусусияти нигориши калимаҳои мураккаб ва таркибии забони англисӣ дар фарҳанги англисӣ-тоҷикӣ [Матн] / Р.А. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2018. – №8 (қисми I). –С.38-44.ISSN2413-516X.

**[3 – М]. Сафарзода, Р.А.** Оид ба баъзе воситаҳои калимасозии воҳидҳои луғавии мураккаби хоси забони англисӣ [Матн] / Р.А. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – 2019. – №2. – С.50-55.ISSN2413-516X.

**[4 – М]. Сафарзода, Р.А.** Таҳлили сохтор ва дараҷаи мутобиқати воҳидҳои луғавии мураккаби забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Р.А. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2019. - №2 (79). –С.91-98. ISSN 2219-5408.

**[5 – М]. Турсунов, Ф.М., Сафарзода, Р.А.** Оид ба хусусияти тарҷумаи сифат дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Ф.М. Турсунов, Р.А. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021 - №2 (91). С. 8-12.ISSN 2219-5408.

**[6 – М]. Турсунов, Ф.М., Сафарзода, Р.А.** Вижагиҳои тарҷумаи калимаҳои мураккаби забони тоҷикӣ ба забони англисӣ [Матн] / Ф.М. Турсунов, Р.А. Сафарзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – 2021 - №1 (90). С. 8-11.ISSN 2219-5408.

**Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои дигар чоп шудаанд:**

**[7 – М]. Сафарзода, Р.А.** Таҳлили муқоисавии хусусиятҳои грамматикии зарфҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ [Матн] / Р.А. Сафарзода // Паёми Донишкадаи забонҳо. – 2017. - №2-3 (26-27). –С.17-23.ISSN 222-9355.

**[8 – М]. Сафарзода, Р.А.** Хусусияти тарҷумаи зарф аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ (дар мисоли “Ҷэн Эйр”-и Шарлотта Бронте) [Матн] / Р.А. Сафарзода // Нақши тарҷума дар шароити кунунии ҷомеа: маводи

конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба Соли ҷавонон дар Тоҷикистон (ш.Душанбе, 07-08 феврали соли 2017) – Душанбе, 2017. –С. 167-173.

**[9 – М]. Сафарзода, Р.А.** Оид ба воситаҳои морфологии калимасозии мураккаби забони англисӣ [Матн] / Р.А. Сафарзода // Усулҳои муосири таълими забон ва адабиёти рус дар шароити бисёрфарҳангии таҳсилот: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 30-31-уми октябри соли 2018) – Душанбе, 2018. –С. 277-281.

**[10 – М]. Сафарзода, Р.А.** Оид ба муодилнокӣ ва бемуодилии воҳидҳои луғавии мураккаби забонҳои англисию тоҷикӣ ва вижагиҳои тарҷумаи онҳо [Матн] / Р.А. Сафарзода // Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (ш.Душанбе, 24-уми январи соли 2019) – Душанбе, 2019. –С. 262-268.

**[11 – М]. Сафарзода, Р.А.** Роҳу воситаҳои тарҷумаи сохторҳои мураккаби атрибутивии забони англисӣ ба забони тоҷикӣ [Матн] / Р.А. Сафарзода // Масъалаҳои мубрами тарҷума ва забоншиносӣ дар замони муосир: маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (26-уми октябри соли 2019) – Душанбе, 2019. – С. 260-262.

**[12 – М]. Сафарзода, Р.А.** Баъзе аз хусусиятҳои хоси тарҷумаи воҳидҳои луғавии матнҳои илмӣ-техникӣ аз забони англисӣ ба забони тоҷикӣ [Матн] / Р.А. Сафарзода // Омӯзиши масъалаҳои умдаи филология ва тарҷума дар даврони соҳибистиқлолӣ: маводи конференсияи илмию амалии ҳайати профессорону устодон ва донишҷӯёни Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба ифтихори 30-юмин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (14-уми апрели соли 2021) – Душанбе, 2021. – С.82-87.

**[13 – М]. Сафарзода, Р.А.** Вижагиҳои хоси сифати феълии забони англисӣ ва роҳҳои тарҷумаи онҳо ба забони тоҷикӣ [Матн] / Р.А. Сафарзода // Ташаккул ва рушди тарҷумашиносӣ дар 30 соли Истиқлолияти давлатӣ: маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ ( 22-юми октябри соли 2021) – Душанбе, 2021. – С. 99-103.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд.**

1. Тақризи мудири кафедраи мудири кафедраи забонҳои хориҷии Академия идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои филологӣ, профессор **Раҳмонова Наргис Шарифовна** мусбат буда муқарриз ду эрод пеш овардааст, ки онҳо хусусияти тавсиявӣ доранд:

А) Беҳтар мебуд, агар муаллиф дар баробари мавриди таҳқиқ қарор додани таълифоти илмии забоншиносони хориҷӣ ба осори забоншиносони ватанӣ низ таваҷҷуҳи бештар мекард.

Б) Дар қисмати русии автореферат дар рақамгузории бандҳои хулоса хатоҳои техникӣ низ ба назар мерасанд.

2. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикӣ ва ИНШХ-и забони русии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров **Элназаров Баҳодур Давронович** низ мусбӣ буда, дар он чунин эродҳо зикр шудаанд:

А) Тартиби рақамгузории сарчашмаҳои қисмати русии автореферат чандон мураттаб нест.

Б) Дар автореферати диссертатсия ба хатоҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ дода шудааст (саҳ. 2, 6).

3. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони англисӣ ва типологияи муқоисавии факултети забонҳои Осиё ва Аврупои Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон **Абдулфайзов Саиднурудин** мусбӣ буда, чунин эродҳо зикр гардидаанд:

А) Дар автореферати диссертатсия ба хатоҳои имлоӣ ва техникӣ роҳ дода шудааст (саҳ. 3, 2 (қисмати русӣ)).

Б) Агар таҳқиқи адабиёти илмии солҳои охир бештар ба роҳ монда мешуд ба манфиати кор буд.

4. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими кафедраи забоншиносии Филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М.В. Ломоносов дар шаҳри Душанбе **Фазилова Шахноза Камилджоновна** мусбӣ арзёбӣ шуда, дар он чунин камбудиҳо номбар карда шудаанд:

А) Беҳтар мебуд барои пурра дарк намудани мавзуъ дар автореферат маълумот ва таҳлилҳо оид ба боби дуюм бештар оварда мешуданд.

Б) Хатоҳои имлоӣ ва техникӣ низ дар ҷо ҷои автореферат вомехӯранд.

5. Тақризи номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ **Бобоева Мадина Маруфовна** низ мусбӣ буда, дар он ишора ба хатоҳои имлоӣ ва техникӣ карда шудааст.

Муқарризони ғайрирасмӣ дар баробари муайян намудани баъзе эроду камбудиҳои автореферати диссертатсия (тоҷикӣ ва русӣ) аҳаммияти ҷанбаҳои назариявию амалӣ ва навоварии таҳқиқот, инчунин, дастовардҳои илмии муаллифи диссертатсияро таъкид карда, ӯро барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор донистаанд.

**Шурои диссертатсионӣ** қайд мекунад, ки Сафарзода Рухангези Акбар диссертатсияи мазкур ба яке аз масъалаҳои муҳими таҳқиқоти муқоисавӣ ва тарҷума дар мисоли забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст. Забони

муосири англисӣ дорои воситаҳои гуногун ва махсуси ташаккулёбии калимаҳои мураккаб ва сохторҳои бо нимтире (дефис) сохташуда мебошад, ки ин ҳам яке аз вижагиҳои муҳими мавзуи таҳқиқотии мазкур ба ҳисоб меравад. Муаллифи диссертатсияи мавриди назар аз нигоҳи забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ кори илмии арзишмандро ба анҷом расонидааст. Таҳқиқоти мазкур дар асоси луғатҳои дузабона ва асарҳои тарҷумашудаи забонҳои муқоисашаванда сурат гирифта, бори нахуст аз нигоҳи сохтор, маъно ва усулҳои тарҷума коркард карда шудааст. Таҳлил ва муқоисаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз ҷиҳати сохтор ва маъно ва ҳамзамон роҳҳои тарҷумаи онҳо қисмати муҳимми мавзуи диссертатсия ба шумор меравад, ки дар илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносӣ мавқеи хосаро касб намуда, таҳқиқ ва баррасии он барои омӯзиш ва дуруст дарк намудани забони англисӣ мусоидат менамояд.

Бояд қайд кард, ки пажуҳиши воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ва воситаҳои тарҷумаи онҳо дар илми забоншиносии тоҷик алҳол мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқи ҳамаҷониба қарор нагирифтаанд. Дар баробари инкишоф ёфтани забон ва ғанӣ гаштани захираи луғавии он аз ҳисоби воҳидҳои мураккаби луғавӣ, дуруст дарк намудани мазмуну муҳтаво ва воситаҳои муҳими тарҷумаи онҳо як қатор мушкилиҳои лексикӣ ва тарҷумавӣ ба миён меоянд, ки дар натиҷа таркиби луғавии забон ба тағйирот дучор мегардад. Муайян намудани омилҳои тағйироти таркиби луғавии забон яке аз вазифаҳои асосии забоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ воситаҳои калимасозӣ ва усулҳои истифодаи воҳидҳои забонии худро доранд. Аз ҷумла, забони англисӣ, ҳамчун забони серистифодатарини дунё, роҳу воситаҳои хоси ташаккули калимаҳои нав, бахусус калимаҳои мураккабро дорад, ки дар раванди забономӯзӣ ва тарҷума дар чаҳорчӯбаи забонҳои муқоисашаванда мушкилиҳои махсус эҷод мекунанд. Аз ин рӯ, таснифоти сохториву морфологии воҳидҳои мураккаби луғавии забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ, омӯзиш ва таҳқиқи муқоисавӣ-типологии сохти луғавии мавриди зикр, роҳу воситаҳои ташаккули воҳидҳои мураккаби луғавӣ дар забонҳои мавриди назар, сохторҳои нимтиредори мураккаби забони англисӣ аз ҷиҳати тарҷума ба забони тоҷикӣ, масъалаҳои тарҷумаи дурусти воҳидҳои мураккаби луғавӣ аз лиҳози мафҳум ва мазмуну мундариҷаи забони асл ва забони тарҷума мусбат арзёбӣ мегардад ва чун **нуктаҳои асосии ҳимояшаванда** пешниҳод шудаанд.

Дастовардҳои илмии таҳқиқоти мазкур барои пажуҳиши минбаъдаи паҳлуҳои гуногуни соҳаи забоншиносӣ ва тарҷума замина мегузорад. Натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли мушкилиҳо ва масъалаҳои назариявӣ ва

амалии самти забоншиносӣ ва тарҷума кумак мерасонад. Таҳқиқи ташаккулёбии воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредор ва воситаҳои тарҷумаи онҳо дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ барои рушду инкишофи соҳаи забоншинсоӣ ва тарҷумашиносии тоҷик ва омода намудани кадрҳои баландихтисоси соҳаи тарҷумонӣ мусоидат мекунад.

Таҳлили муқоисавии низоми калимаҳои мураккаб ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ аз нигоҳи тарҷума дар илми забоншиносӣ ва тарҷумашиносии тоҷик бори аввал сурат мегирад. Дар диссертатсия роҳҳои ташаккулёбӣ ва воситаҳои тарҷумаи воҳидҳои мураккаби луғавӣ ва сохторҳои нимтиредор дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди талили муқоисавӣ ва оморӣ қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот**ро корҳои илмӣ-таҳқиқотии муҳаққиқон-забоншиносон ва тарҷумашиносони ватанию хориҷӣ доир ба калимасозӣ ва луғатшиносии забони англисӣ аз қабили И.В. Арнолд, О.Д. Мешков, П.В. Сарев, Р.З. Гинзбург, Е.С. Кубрякова, П.М. Карашук, А.И. Смирнитский, Г.И. Шейдеман, П.Ф. Шанин, И. Ибрагимходжаев, В. Адамс, Ҳ. Марчанд ва аз тоҷикӣ Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, С. Ҳошимов, С. Раҳматуллозода, М.Н. Қосимова, М.Н. Азимова, С. Ғаниева, С.Ф. Низомова, инчунин оид ба тарҷумашиносии забони англисӣ В.С. Виноградов, А.В. Фёдоров, Л.С. Бархударов, В.Н. Комиссаров, Я.И. Ретскер, В.Н. Крупнов ва тоҷикӣ П. Ҷамшедов, А. Мамадназаров, М.Б. Шаҳобова, Ф.М. Турсунов ташкил додаанд.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки мазмуну мундариҷаи диссертатсия чун мавод ва натиҷаҳои таҳқиқот, махсусан роҷеъ ба бартараф намудани мушкилиҳои луғавӣ ва тарҷумавии калимаҳои мураккаби забонҳои мавриди назар мумкин аст дар амалияи омӯзиши забони хориҷӣ дар муқоиса бо забони тоҷикӣ барои муҳассилин истифода шаванд. Инчунин, мавод, хулоса ва натиҷагириҳои диссертатсия мумкин аст ҳангоми таҳия ва хондани курсҳои лексионӣ доир ба типологияи муқоисавии забонҳо ва тарҷумашиносӣ, ҳангоми тадриси курсҳои махсус барои донишҷӯён, магистрантҳо, докторантҳо (PhD) ва мутахассисон ҷиҳати навиштани корҳои хатми тахассусӣ оид ба мавзуи луғату луғатшиносӣ, тарҷума ва тарҷумашиносӣ, инчунин ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ ва васоиту дастурҳои таълимӣ истифода шаванд.

**Ғоя** дар асоси омӯзиш ва истифодаи афкори донишмандони ватанию хориҷӣ, аз ҷумла О.Д. Мешков, П.В. Сарёв, Р.З. Гинзбург, Б. Ниёзмуҳаммадов, Ш. Рустамов, С. Раҳматуллозода, В.С. Виноградов, В.Н.

Комиссаров, Л.С. Бархударов, А.В. Фёдоров, Р.К. Миняр-Белоручев, Л.К. Латишев, В.В. Мамонтова, Ф.М. Турсунов **асоснок карда шудааст**.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст воҳидҳои мураккаби луғавии забони англисиро дар муқоиса бо забони тоҷикӣ аз лиҳози тарҷумашиносӣ ва бо истифода аз диаграммаҳо ва таҳлили оморӣ мавриди таҳқиқоти махсус қарор додааст. Маводи назариявӣ ва амалии ҷамъоварӣ намудаи муаллиф хеле боарзиш буда, барои ҳалли як қатор масъалаҳои мавҷудаи тарҷумашносии тоҷик саҳми арзанда мегузорад.

Дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D.КОА-036 назди Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода аз 17-уми сентябри соли 2022, №14 дар бораи сазовор донистани Сафарзода Рухангези Акбар ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD)- доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ 11 нафар иштирок доштанд, ки аз инҳо 3 нафарашон доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд.

Дар овоздиҳи 11 нафар иштирок намуд. Аз 11 нафар аъзои ба ҳайати Шурои диссертатсионӣ шомилбуда овоз доданд: тарафдор – 11 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси Шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҷабборова М.Т.

Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои филологӣ Ҳасанова Ш.Р.
17 сентябри соли 2022